- теоремаҳои асосӣ оиди баҳодиҳии аниқи наздиккунии функсияҳои дутағйирёбанда тавассути полиномҳои умумикардашуда;
- теорема оиди доимии аниқ дар нобаробарии Ҷексон – Стечкин байни бузургиҳои наздиккунии беҳтарини функсияҳои ду тағйирёбанда бо полиномҳои умумикардашудаи тригонометрӣ ва модули бефосилагии тартиби олӣ ҳосилаҳои хусусии функсияҳо;
- теорема оиди нобаробариҳои аниқи намуди Колмогоров барои функсияҳои аналитикӣ дар бидавра ва татбиқи он ба масъалаҳои экстремалии назарияи функсияҳои дутағйирёбандаи комплексӣ.

**Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ хусусияти назариявӣ дорад. Натиҷаҳои кори диссертатсияро барои масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёрченака тавассути суперпозитсияи функсияҳои миқдори камтари тағйирёбандаҳо, ҳам барои соҳахои ҳақиқӣ ва ҳам барои комлексӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Мӯҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифро дар корҳои нашршуда инъикос мекунанд. Ҳамаи натиҷаҳои рисолаи диссертатсиониро шахсан худи муаллиф ба даст овардааст.

**Тасвиби кор.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ борҳо дар:

- семинари кафедраи „Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ"-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии академики АМИ Тоҷикистон, профессор М.Ш. Шабозов (Душанбе, солҳои 2015-2020);
- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Масъалаҳои муосири математика ва татбиқи он" (Душанбе, 14-15 марти соли 2018);
- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Масъалаҳои муосири алгебра ва назарияи ададҳо" (Душанбе, 14-15 декабри соли 2018);
- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Муодилаҳои интегралии сингулярӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффитсиентҳои сингулярӣ" (Душанбе, 30-31 январи соли 2020);
- конференсияи илмии амалии ҷумҳуриявӣ „Масъалаҳои муосири назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ" (Душанбе, 26 сентябри соли 2020);

- конференсияи илмӣ-байналмилалии „Назарияи наздиккунӣ ва татбиқи он” (Днепро, Украина, 16-19 сентябри соли 2020),

муҳокима ва мавриди баррасӣ пешниҳод шуда буданд.

**Интишорот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия дар 10 кори илмӣ ба табъ расидаанд. Аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳое, ки ба рӯйхати ҷории Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия дохиланд, мебошанд ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, феҳристи адабиёти истифодашудаи иборат буда, 44 номгӯй ва ҳамагӣ 70 саҳифаи компютериро дар бар гирифта, он дар барномаи LaTeX ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонӣ дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо истифода шудааст, ки рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ё формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

## Муҳтавои мухтасари диссертатсия

Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима оғоз мешавад. Дар он аҳамияти мавзӯи диссертатсия, ҳадафи кор ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада нишон дода мешавад.

Дар боби якуми рисола як қатор масъалаҳои наздиккунии миёнаквадратии функсияҳои даврии дифференсиронидашудаи тағйирёбандаи $f(x,y)$ бо „кунҷҳои тригонометрӣ”-и умумикардашуда баён шудаанд.

Дар параграфи аввал маълумоти пешакӣ ва баъзе далелҳо, инчунин тасдиқотҳои ҷудогона оварда шудаанд.

Бо аломатҳои $\mathbb{N}$, $\mathbb{Z}_+ := \mathbb{N}\cup\{0\}$, $\mathbb{Z}$ ва $\mathbb{R}$ минбаъд дар ҳама ҷо мутаносибан маҷмӯи ададҳои натуралӣ, бутуни ғайриманфӣ, ададҳои бутун ва ҳақиқӣ ишора карда мешаванд. Ба воситаи $L_2 := L_2(Q)$, $Q := \{0 \le x, y \le 2\pi\}$ фазои гилбертии функсияҳои даврии ду тағйирёбандаи $f(x,y)$ бо квадрат интегронидашаванда дар соҳаи $Q$ бо нормаи охирноки зерин ишора мекунем:

$$\|f\|_{L_2} := \|f\|_{L_2(Q)} := \left\{ \frac{1}{4\pi^2} \iint\limits_{(Q)} |f(x,y)|^2 dxdy \right\}^{1/2} < \infty.$$

Бо аломати $C^{(r,s)}(Q)$, $r,s \in \mathbb{N}$ маҷмӯи функсияҳои даврии $f(x,y)$, ки дар квадрати $Q$ ҳосилаҳои хусусии бефосила доранд, менависем:

$$f^{(\mu,\nu)}(x,y) := \frac{\partial^{\nu+\mu} f}{\partial x^\nu \partial y^\mu}, \ \ \mu \leq r, \nu \leq s, \ \mu,\nu,r,s \in \mathbb{N}$$

ва бо $L_2^{(r,s)}(Q)$, $r,s \in \mathbb{N}$ маҷмӯи функсияҳои $f(x,y) \in C^{(r-1,s-1)}(Q)$, $r,s \in \mathbb{N}$-ро ишора мекунем, ки ҳосилаҳои хусусии онҳо мавҷуданд, $f^{(r,\nu)}(x,y)$, $r \in \mathbb{N}$, $\nu = \overline{0,s-1}$, $f^{(\mu,s)}(x,y)$, $\mu = \overline{0,r-1}$, $s \in \mathbb{N}$, қисман бефосилаанд ва $f^{(r,s)}(x,y) \in L_2(Q)$ мебошад, ишора мекунем, яъне норма $\left\|f^{(r,s)}\right\|_{L_2} < \infty$ мебошад. Фарз мекунем, ки функсияи $f \in L_2(Q)$ ба қатори дукарати Фурйеи намуди комплексӣ паҳн шудааст:

$$f(x,y) = \sum_{k=-\infty}^{+\infty} \sum_{l=-\infty}^{+\infty} c_{k,l}(f) e^{i(kx+ly)}, \tag{1}$$

ки дар ин ҷо

$$c_{k,l}(f) := \frac{1}{4\pi^2} \iint\limits_{(Q)} f(x,y) e^{-i(kx+ly)} dxdy$$

– коэффитсиентҳои қатори Фурйеи (1) мебошад.

Агар $f \in L_2^{(r,s)}(Q)$ бошад, онгоҳ ошкор аст, ки

$$\left\|f^{(r,s)}\right\|_{L_2(Q)}^2 = \sum_{k=1}^{+\infty} \sum_{l=1}^{+\infty} k^{2r} l^{2s} |\rho_{k,l}(f)|^2, \tag{2}$$

ки дар ин ҷо

$$\rho_{k,l}^2(f) = |c_{-k,-l}(f)|^2 + |c_{k,-l}(f)|^2 + |c_{-k,l}(f)|^2 + |c_{k,l}(f)|^2. \tag{3}$$

Баъдан масъалаи ёфтани қиматҳои аниқи бузургиҳои наздикунии беҳтарини функсияҳои даврии дутағйирёбанда бо „кунҷҳо”-и тригонометрӣ бо истифода аз корҳои[1–5] дида мебароем.

Бигузор $(X, \|\cdot\|_X)$ ва $(Y, \|\cdot\|_Y)$ – ду фазои нормиронидашудаи хаттии функсияи яктағйирёбанда бошанд ва

$$U_m := span\left\{u_0(x), u_1(x), \ldots, u_m(x)\right\},$$

$$V_n := span\,\{v_0(y), v_1(y), \dots, v_n(y)\}$$

андозаи охирноки онҳо, яне $U_m \subset X$, $V_n \subset Y$ бошад. Ифодаи намуди

$$g_{m,n}(x,y) = \sum_{k=0}^{m} u_k(x)\psi_k(y) + \sum_{l=0}^{n} v_l(y)\varphi_l(x),$$

ки дар ин ҷо $\{\varphi_l(x)\}_{l=0}^{n}$ ва $\{\psi_k(y)\}_{k=0}^{m}$ – маҷмуи функсияҳои ихтиёрӣ, мутаносибан аз фазои $X$ ва $Y$-ро полиномҳои умумикардашуда меномем, ки аз зерфазои фазои $U_m$ ва $V_n$ хосил шудаанд. Ин полиномҳои умумикардашаи зерфазои $Z$-ро ташкил медиҳанд, ки ба воситаи

$$G_{m,n} = G(U_m, V_n) := U_m \otimes Y \oplus V_n \otimes X$$

ифода мекунем, ки дар он амали "$\otimes$" ва "$\oplus$" мутаносибан амали ҳосили зарби декартӣ ва суммаи ростаи маҷмӯҳо фаҳмида мешаванд. Формулаи наздиккунии беҳтаринро бо баробарии зерин ишора мекунем

$$\mathscr{E}_{m,n}(f)_Z := \mathscr{E}(f; G_{m,n}))_Z = \inf\{\|f - g_{m,n}\|_Z : g_{m,n} \in G_{m,n})\} \tag{4}$$

ва агар $\mathfrak{M}$ – ягон хел синфи функсияи ба зерфазои $Z$ тааллуқ дошта бошад, онгоҳ

$$\begin{aligned}\mathscr{E}_{m,n}(\mathfrak{M})_Z &:= \sup\{\mathscr{E}_{m,n}(f)_Z :\ f \in \mathfrak{M}\} = \\ &= \sup\{\mathscr{E}(f, G(U_m, V_n))_Z :\ f \in \mathfrak{M}\}\end{aligned} \tag{5}$$

мешавад. Бузургии (4) наздиккунии беҳтарини элементи $f \in \mathfrak{M}$ ба воситаи маҷмӯи $G_{m,n}$, ва бузургии (5) – тамоили маҷмӯи $\mathfrak{M}$ аз $G_{m,n}$ дар фазои нормиронидашуаи $(Z, \|\cdot\|_Z)$-ро тавсиф мекунад. Барои маҷмӯи маркази симметрии $\mathfrak{M} \subset Z$, бузургии

$$d_{m,n}(\mathfrak{M}; Z) := \inf\{\mathscr{E}_{m,n}(\mathfrak{M}; G_{m,n})_Z :\ U_m \subset X,\ V_n \subset Y\} \tag{6}$$

-ро, квазиқутри колмогоровии маҷмӯи $\mathfrak{M}$ меноманд.[3–5]

Бигузор $\Lambda$ – оператори хаттие бошад, ки аз рӯи функсияи $f \in \mathfrak{M}$ амал мекунад, ғайр аз ин образи $\Lambda(\mathfrak{M}) := \{\Lambda(f) :\ f \in \mathfrak{M}\}$ ба маҷмӯи $G_{m,n}$ тааллуқ дорад. Бигузор

$$e(\mathfrak{M}, \Lambda)_Z := \sup\{\|f - \Lambda(f)\|_Z : f \in \mathfrak{M}\},$$

$$e_{m,n}(\mathfrak{M})_Z := \inf\{e(\mathfrak{M},\Lambda)_Z : \Lambda(\mathfrak{M}) \subset G_{m,n}\}$$

бошад. Мувофиқи корҳои [3–5,6,7], бузургии

$$d'_{m,n}(\mathfrak{M}, Z) := \inf\{e(\mathfrak{M}; G_{m,n})_Z : U_m \subset X, V_n \subset Y\} \tag{7}$$

квазиқутри хаттии колмогоровии маҷмӯи $\mathfrak{M}$ дар фазои $Z$ номида мешавад. Бевосита аз таърифҳои боло бармеояд, ки нобаробариҳои зерин ҷой доранд:

$$e_{m,n}(\mathfrak{M})_Z \geq \mathscr{E}_{m,n}(\mathfrak{M})_Z, \tag{8}$$

$$d'_{m,n}(\mathfrak{M}, Z) \geq d_{m,n}(\mathfrak{M}, Z). \tag{9}$$

Ҳангоми ҳисобкунии бузургиҳои (6)-(9) минбаъд дар ҳама ҷо фарз мекунем, ки $X = Y = L_2[0, 2\pi]$ – фазои бо квадрат интегронидашавандаи функсияҳои даврии $f$ дар порчаи $[0, 2\pi]$ ва $Z := L_2(Q), Q = \{0 \leq x, y \leq 2\pi\}$ мебошад.

Бигузор акнун $U^*_{2m+1} \subset L_2[0, 2\pi]$, $V^*_{2n+1} \subset L_2[0, 2\pi]$ – ду ченакҳои охирноки зерфазои полиномҳои тригонометрӣ мутаносибан бо тартиби $2m + 1$ аз рӯи тағйирёбандаи $x$ ва $2n + 1$ аз рӯи тағйирёбандаи $y$ бошад:

$$U^*_{2m+1} := span\left\{e^{ikx}\right\}_{k=-m}^{m}, \; V^*_{2n+1} := span\left\{e^{ily}\right\}_{l=-n}^{n}.$$

Маълум аст, ки ҳар як элементи $g_{m,n}(x, y) \in G^*_{2m+1,2n+1} := G(U^*_{2m+1}, V^*_{2n+1})$ дар шакли зерин навишта мешавад

$$g_{m,n}(x, y) = \sum_{|k|\leq m} \psi_k(y)e^{ikx} + \sum_{|l|\leq n} \varphi_l(x)e^{ily}, \tag{10}$$

ки дар он пайдарпаии $\{\psi_k(y)\}_{k=-m}^{m} \subset L_2[0, 2\pi], \{\varphi_l(x)\}_{l=-n}^{n} \subset L_2[0, 2\pi]$ – маҷмӯи ихтиёрии функсияҳо мебошанд. Функсияи намуди (10) квазиполином ё ин ки „кунҷ"- и тригонометрӣ номида мешавад. Фарз мекунем, ки $\mathbb{Z} = L_2(Q)$ бошад. Маълум аст, ки маҷмӯи $G^*_{2m+1,2n+1} \subset L_2(Q)$ аст. Барои функсияи ихтиёрии $f \in L_2(Q)$ ба воситаи баробарии

$$\mathscr{E}_{m,n}(f)_{L_2(Q)} := \mathscr{E}(f; G^*_{2m+1,2n+1}) = \inf\left\{\|f - g_{m,n}\|_{L_2(Q)} : g_{m,n} \in G^*_{2m+1,2n+1}\right\}$$

[6] Вакарчук С.Б., Шабозов М.Ш. О точных значениях квазипоперечников некоторых функциональных классов // Укр. матем. журн. – 1996. – Т.48. – №3. – С. 301-308.

[7] Шабозов М.Ш., Акобиршоев М.О. Среднеквадратическое приближение „углом" в метрике $L_2$ и значение квазипоперечников некоторых классов функций. // Укр. матем. журнал. – 2020. – Т.72, – №6. – С.852-864.

бузургии наздиккунии беҳтарини функсияи $f$-ро аз рӯи элементҳои маҷмӯи $G^*_{2m+1,2n+1}$ ишора мекунем.

Барои функсияи $f \in L_2(Q)$, ки ба қатори дукаратаи Фурйеи (1) паҳн шудааст, квазиполиноми Фурйеи тартиби $(m,n), m,n \in \mathbb{N}$, ифодаи зеринро

$$\mathscr{F}_{m,n}(f;x,y) = \left(\sum_{|k|\le m}\sum_{l=-\infty}^{+\infty} + \sum_{k=-\infty}^{+\infty}\sum_{|l|\le n} - \sum_{|k|\le m}\sum_{|l|\le n}\right) c_{k,l}(f)e^{i(kx+ly)}$$

меноманд.

**Леммаи 1.1.1.** *Дар байни полиномҳои умумикардашудаи намуди* (10)*, ки ба маҷмӯи* $G^*_{2m-1,2n-1} := G(U^*_{2m-1}, V^*_{2n-1})$ *мансубанд, наздикунии беҳтарини функсияи* $f \in L_2(Q)$ *– ро ба квазиполиноми Фурйеи тартиб* $(m-1,n-1)$ *медиҳад. Дар ин ҳолат формулаи зерин*

$$\mathscr{E}^2_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)} = \inf\left\{\|f-g_{m-1,n-1}\|^2_{L_2(Q)} : g_{m-1,n-1} \in G^*_{2m-1,2n-1}\right\} =$$

$$= \|f - \mathscr{F}_{m-1,n-1}(f)\|^2_{L_2(Q)} = \sum_{|k|\ge m}\sum_{|l|\ge n}|c_{k,l}(f)|^2 \qquad (11)$$

*ҷой дорад.*

**Кайди 1.1.1.** Бо назардошти ишораҳои (3), формулаи (11)-ро дар шакли зерин

$$\mathscr{E}^2_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)} = \sum_{|k|\ge m}\sum_{|l|\ge n}|c_{k,l}(f)|^2 = \sum_{k=m}^{\infty}\sum_{l=n}^{\infty}\rho^2_{k,l}(f) \qquad (12)$$

менависем, ки барои татбиқ кардан қуллайтар аст. Дар ҳолати хусусӣ аз формулаи (11) бо назардошти формулаи (12) бармеояд, ки агар $F(x,y) = \varphi(x)g(y)$ бошад, онгоҳ

$$\mathscr{E}^2_{m-1,n-1}(F)_{L_2(Q)} = \mathscr{E}^2(F; G^*_{2m-1,2n-1})_{L_2(Q)} =$$

$$= \mathscr{E}^2(\varphi; U^*_{2m-1})_{L_2[0,2\pi]} \cdot \mathscr{E}^2(g; V^*_{2n-1})_{L_2[0,2\pi]} = \mathscr{E}^2_{2m-1}(\varphi)_{L_2[0,2\pi]} \cdot \mathscr{E}^2_{2n-1}(g)_{L_2[0,2\pi]},$$

ки дар ин ҷо

$$\mathscr{E}_{2\nu-1}(\psi)_{L_2[0,2\pi]} := \inf\left\{\|\psi - T_{\nu-1}(\psi)\|_{L_2[0,2\pi]} : T_{\nu-1} \subset G_{2\nu-1}\right\}.$$

Леммаи зерини асосӣ ҷой дорад.

**Леммаи 1.1.2.** *Барои дилхоҳ функсияи* $f \in L_2^{(r,s)}(Q)$ *нобаробарии аниқи зерин*

$$\mathscr{E}_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)} \leq m^{-r}n^{-s}\mathscr{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(r,s)}\right)_{L_2(Q)}$$

*ҷой дорад. Аниқ будани нобаробарӣ маънои онро дорад, ки он барои функсияи*

$$f_0(x,y) = e^{i(mx+ny)} \in L_2^{(r,s)}(Q)$$

*ба баробарӣ мубаддал мешавад.*

Аз ин лемма бевосита натиҷаи зеринро ҳосил мекунем.

**Натиҷаи 1.1.1.** *Баробарии экстремалии зерин ҷой дорад:*

$$\sup_{f\in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{\mathscr{E}_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)}}{\mathscr{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(r,s)}\right)_{L_2(Q)}} = \sup_{f\in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{\mathscr{E}(f;G^*_{2m-1,2n-1})_{L_2(Q)}}{\mathscr{E}\left(f^{(r,s)};G^*_{2m-1,2n-1}\right)_{L_2(Q)}} = \frac{1}{m^r n^s}.$$

Тасдиқоти зерин ҷой дорад.

**Теоремаи 1.1.1.** *Бигзор* $\mu,\nu \in \mathbb{Z}_+ := \mathbb{N}\cup\{0\}$ $(0 \leq \mu \leq r, 0 \leq \nu \leq s)$ *бошад. Онгоҳ баробарии зерин*

$$\sup_{f\in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{\mathscr{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(\mu,\nu)}\right)_{L_2(Q)}}{\mathscr{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(r,s)}\right)_{L_2(Q)}} = \frac{1}{m^{r-\mu}n^{s-\nu}} \tag{13}$$

*дуруст аст. Функсияи* $f_0 \in L_2^{(r,s)}(Q)$ *мавҷуд аст, ки барои он аломати баробарӣ дар формулаи* (13) *дастрас аст.*

Дар параграфи дуюми боби якум, масъалаи экстремалии ёфтани ҳудуди аниқи болоӣ барои бузургии наздиккунии беҳтарини худи функсия ва ҳосилаҳои олии хусусии он дар синфи $W^{(r,s)}L_2(Q)$ ҳал карда шудааст.

Ба воситаи $W^{(r,s)}L_2(Q)$ маҷмӯи фукнксияҳои $f \in L_2^{(r,s)}(Q)$-ро ишора мекунем, ки барояшон бо вуҷуди $r,s \in \mathbb{Z}_+$ будан, нобаробиии $\|f^{(r,s)}\|_{L_2(Q)} \leq 1$ иҷро мешавад.

Натиҷаҳои асосии ин параграф чунин мебошанд.

**Теоремаи 1.2.2.** *Барои ҳамагуна* $m,n \in \mathbb{N}$, $r,s,\mu,\nu \in \mathbb{Z}_+$, $0 \leq \mu \leq r, 0 \leq \nu \leq s$ *баробарии экстремалии зерин ҷой дорад*

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(\mu,\nu)}\right)_{L_2(Q)} : f \in W^{(r,s)}L_2(Q)\right\} = \frac{1}{m^{r-\mu}n^{s-\nu}}.$$

Дар параграфи сеюм теоремаҳои асосӣ оиди наздиккунии „кунчӣ” баён карда шудааст. Бо ин мақсад мо пешакӣ намуди ошкори модули бефосилагиро дар фазои $L_2(Q)$ менависем.

Барои функсияи $f(x,y) \in L_2(Q)$ модули бефосилагии тартиби $p \in \mathbb{N}$-ро нисбат ба тағйирёбандаи $x$ ва тартиби $q \in \mathbb{N}$-ро нисбат ба тағйирёбандаи $y$ бо баробарии

$$\omega_{p,q}(f;t,\tau)_2 := \sup\left\{\|\Delta_{u,v}^{p,q} f(x,y)\|_{L_2(Q)} : \ |u| \le t, \ |v| \le \tau\right\} \tag{14}$$

муайян мекунем, ки дар ин ҷо

$$\Delta_{u,v}^{p,q} f(x,y) = \sum_{\mu=0}^{p}\sum_{\nu=0}^{q}(-1)^{\mu+\nu}\binom{p}{\mu}\binom{q}{\nu} f(x+\mu u, y+\nu v)$$

– фарқияти охирноки тартиби $p$-ум бо қадами $u$ нисбат ба тағйирёбандаи $x$ ва тартиби $q$-ум бо қадами $v$ нисбат ба тағйирёбандаи $y$-и функсияи $f(x,y) \in L_2(Q)$ мебошад.

Яке аз натиҷаҳои асосии ин параграф леммаи зерин мебошад.

**Леммаи 1.3.1.** *Барои функсияи ихтиёрии $f \in L_2(Q)$ функсияи* (14) *намуди зерин дорад*

$$\omega_{p,q}^2(f;t,\tau)_2 :=$$
$$:= 2^{p+q}\sup\left\{\sum_{k=1}^{\infty}\sum_{l=1}^{\infty}\rho_{k,l}^2(f)(1-\cos ku)^p(1-\cos lv)^q : \ |u| \le t, \ |v| \le \tau\right\}.$$

Минбаъд дар ҳама ҷо ҳангоми $p = q$ будан, ба ҷойи $\omega_{p,p}(f;t,\tau)$ мо $\omega_p(f;t,\tau)_{L_2(Q)}$ менависем. Дар муносибатҳои тавсифи умумӣ, ҳангоми ҳисобкунии ҳудуди болоӣ аз рӯи ҳамаи функсияҳои $f \in L_2^{(r,s)}(Q)$ фарз карда мешавад, ки $f(x,y) \neq const$.

Дар асоси ишораҳои қабулшуда теоремаи зерин ҷой дорад.

**Теоремаи 1.3.1.** *Барои дилхоҳ ададҳои $m,n,p \in \mathbb{N}$ ва ҳаргуна ададҳои $r,s \in \mathbb{Z}_+$, ки нобаробарии $0 < mt \le \pi, 0 < n\tau \le \pi$ қонеъ мекунанд, таносуби зерин*

$$\sup_{f \in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{m^{2r-p}\cdot n^{2s-p}\cdot \mathscr{E}_{m-1,n-1}^2(f)_2}{\left(\int\limits_0^{\pi/m}\int\limits_0^{\pi/n}\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};t,\tau\right)_{L_2(Q)}\sin mt \sin n\tau dt d\tau\right)^p} = \frac{1}{16^p} \tag{15}$$

*дуруст аст. Функсияи* $g_1(x,y)\in L_2^{(r,s)}$ *мавҷуд аст, ки барои он сарҳадҳои саҳеҳи дар тарафи рости* (15) *буда қабул карда мешавад ва ба тарафи рости* (15) *баробар мешавад.*

Қайд мекунем, ки теоремаи 1.3.1 натиҷаи маъмули умумикардашуда В.В.Шалаев[8] оиди нобаробарии аниқ мебошад, ки бузургии наздиккунии беҳтарини полиномиалии функсияҳои дифференсиронидашудаи даврии яктағйирёбандаи $f\in L_2^{(r)}$-ро бо интеграле, ки қимати миёнакардашудаи модули бефосилагии тартиби олӣ $\omega_m^{1/m}\left(f^{(r)},t\right)_2$ бо вазни $\sin nt$ дорад алоқаманд мекунад, барои ҳолатҳое, ки наздиккунии беҳтарини функсияҳои дифференсиронидашудаи даврии дутағйирёбандаи $f\in L_2^{(r,s)}(Q)$ аз рӯи „кунҷ"-ҳои тригонометрӣ бо интеграле, ки қимати миёнакардашудаи модули бефосилагии тартиби олии $\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};t,\tau\right)_2$ бо вазни $\sin mt\sin n\tau$ дорад, ифода мекунад.

Аз теореми 1.3.1 ҳамчун натиҷа ҳосил мекунем.

**Теоремаи 1.3.2.** *Барои ҳамаи* $m,n,p\in\mathbb{N}$ *ва* $r,s\in\mathbb{Z}_+$ *ва ҳаргуна функсияи* $f\in L_2^{(r,s)}(Q)$ *нобаробарии намуди Ҷексон-Стечкин*

$$\mathcal{E}_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)}\leq\frac{1}{2^pm^rn^s}\cdot\omega_p\left(f^{(r,s)};\frac{\pi}{m},\frac{\pi}{n}\right)_2 \tag{16}$$

*дуруст аст.*

Қайд мекунем, ки агар функсияи $\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};t,\tau\right)_2$ барои ҳаргуна $p\in\mathbb{N}$ ва $(t,\tau)\in[\pi/m,\pi/n]$ шарти зеринро каноат кунад

$$\begin{gathered}2\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};\frac{\pi}{2m},\frac{\pi}{2n}\right)_2\geq\\ \geq\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};t,\tau\right)_2+\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};\frac{\pi}{m}-t,\frac{\pi}{n}-\tau\right)_2,\end{gathered} \tag{17}$$

он гоҳ нобаробарии (16)-ро дақиқтар муайян кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат теоремаи зерин ҷой дорад.

**Теоремаи 1.3.3.** *Дар маҷмӯи функсияи* $f\in L_2^{(r,s)}(Q)$, *ки барои он функсияи* $\omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)};t,\tau\right)_2$ *шарти* (17)*-ро қонеъ мекунад, нобаробарии аниқи намуди Ҷексон-Стечкин*

$$\mathcal{E}_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)}\leq\frac{1}{2^pm^rn^s}\cdot\omega_p\left(f^{(r,s)};\frac{\pi}{2m},\frac{\pi}{2n}\right)_2$$

[8] Шалаев В.В. О поперечниках в $L_2$ классов дифференцируемых функций, определяемых модулями непрерывности высших порядков // Укр. матем. журн. – 1991. – Т.43. – №1. – С. 125-129.

*дуруст аст. Функсияи $f \in L_2^{(r,s)}(Q)$ вуҷуд дорад, ки барояш нобаробарӣ ба баробарӣ табдил меёбад.*

Аз теоремаи 1.3.3 чунин натиҷа бармеояд.

**Натиҷаи 1.3.4.** *Мувофиқи фарзияи теореми 1.3.3, барои ҳамаи $m, n, p \in \mathbb{N}$ ва $r, s \in \mathbb{Z}_+$ баробарии зерин ҷой дорад*

$$\sup_{f\in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{m^r n^s \mathcal{E}_{m-1,n-1}(f)_{L_2(Q)}}{\omega_p\left(f^{(r,s)}; \dfrac{\pi}{2m}, \dfrac{\pi}{2n}\right)_2} = \frac{1}{2^p}.$$

Бо истифода аз натиҷаи хулосаи 1.3.4, теоремаи зерин исбот карда мешавад.

**Теоремаи 1.3.4.** *Тибқи фарзияи натиҷаи 1.3.4 барои ҳамаи $m, n, p \in \mathbb{N}$ ва $r, s, \mu, \nu \in \mathbb{Z}_+$ $(0 \le \mu \le r, 0 \le \nu \le s)$ баробарии зерин ҷой дорад*

$$\sup_{f\in L_2^{(r,s)}(Q)} \frac{m^{r-\mu} n^{s-\nu} \mathcal{E}_{m-1,n-1}\left(f^{(\mu,\nu)}\right)_{L_2(Q)}}{\omega_p\left(f^{(r,s)}; \dfrac{\pi}{2m}, \dfrac{\pi}{2n}\right)_2} = \frac{1}{2^p}.$$

Дар параграфи чорум, қиматҳои аниқи квазиқутрҳои баъзе синфи функсияҳои даврӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бигузор $\Psi_l(t)$, $l = 1, 2$; $0 \le t < \infty$ – функсияҳои бефосила, камнашаванда бошанд, ки дар нуқтаи $t = 0$ ба нол майл кунанд. Барои $p \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$ и $0 \le u, v \le 2\pi$ дар маҷмӯи $L_2^{(r,s)}(Q)$ синфи функсияҳои зеринро

$$W_p^{(r,s)}(\Psi_1, \Psi_2) := \Biggl\{ f \in L_2^{(r,s)}(Q) :$$

$$\frac{\pi}{2u} \cdot \frac{\pi}{2v} \int_0^u \int_0^v \omega_p^{2/p}\left(f^{(r,s)}; t, \tau\right)_2 \sin\frac{\pi}{u}t \sin\frac{\pi}{v}\tau dt d\tau \le \Psi_1^2(u)\Psi_2^2(v) \Biggr\}$$

муайян мекунем. Ишораҳои зеринро дохил мекунем:

$$(1 - \cos q\theta)_* := \{1 - \cos q\theta, \text{ если } q\theta \le \pi; \ 2, \text{ агар } q\theta > \pi\}.$$

Бо чунин ишоракуниҳо теоремаи зерин дуруст аст.

**Теоремаи 1.4.1.** *Бигузор функсияҳои $\Psi_l(t), (l = 1, 2)$ шарти*

$$\Psi_l^2\left(\frac{\tau}{\mu}\right) \int_0^{\pi\mu} (1 - \cos\theta)_* \sin\frac{\theta}{\mu} d\theta \le 2\mu\Psi_l^2(u), \quad l = 1, 2$$

*-ро барои ҳар як $\mu > 0$ ва ҳаргуна $\tau \in (0, 2\pi]$ қонеъ кунанд. Онгоҳ барои ҳамагуна $m, n \in \mathbb{N}$, $r, s \in \mathbb{Z}_+$ баробарии зерин*

$$d_{2m-1,2n-1}\left(W_p^{(r,s)}(\Psi_1, \Psi_2), L_2(Q)\right) = d'_{2m-1,2n-1}\left(W_p^{(r,s)}(\Psi_1, \Psi_2), L_2(Q)\right) =$$

$$= \mathcal{E}_{m-1,n-1}\left(W_p^{(r,s)}(\Psi_1, \Psi_2)\right)_2 =$$

$$= e_{m-1,n-1}\left(W_p^{(r,s)}(\Psi_1, \Psi_2)\right)_2 = \frac{1}{2^p m^r n^s}\Psi_1^p\left(\frac{\pi}{m}\right)\Psi_2^p\left(\frac{\pi}{n}\right)$$

*дуруст аст.*

Дар боби дуюми рисола, нобаробарии аниқи намуди Колмогоров барои наздиккуниҳои беҳтарини функсияҳои дутағйирёбандаи комплексии аналитикӣ дар бидавра $U^2 = \{(\xi, \zeta) \in \mathbb{C}^2 : |\xi| < 1, |\zeta| < 1\}$ бо квазиполиномҳои умумикардашуда ё ин ки „кунҷҳо"-е, ки аз ҳосили тензори полиномҳои комплексии алгебравии яктағирёбанда иборатанд ва ба фазои $B_2(U^2)$ мансубанд, ёфт шудаанд.

Дар монографияи[9] натиҷаҳои тадқиқот оид ба нобаробариҳои (нобаробариҳои намуди Колмогоров) барои ҳосилаҳои пайдарпайи мобайнии функсияҳо бо сохахои гуногуни муайянкунии ҳам классикӣ ва ҳам натиҷаҳои ба наздикӣ бадастомада пешниҳод ва мураттаб гардидаанд. Дар айни ҳол диққати асосӣ ба нобаробарии аниқи ин намуд дода мешавад. Дар кори В.В.Арестов[10] тадқиқоти мукаммали нобаробарии намуди Колмогоров оварда шудааст, ки дар он доимиҳои беҳтарин ба даст оварда шудаанд ва робитаи онҳо бо масъалаи Стечкин оид ба наздиккунии беҳтарини операторҳои гуногун дар синфи функсияхои гуногун таҳлил карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки тақрибан ҳамаи натиҷаҳои[9,10] барои функсияҳои ҳақиқӣ ба даст оварда шудаанд. Табиист, ки ба даст овардани нобаробарии намуди Колмогоров барои функсияҳои тағйирёбандааш комплексӣ таваҷӯҳи зиёд пайдо мекунад. Барои функсияи яктағйирёбандаи комплексӣ, баъзе натиҷаҳо дар корҳои Р.Р.Акопяна ва М.С.Саидусайнов[11], С.Б.Вакарчук ва

[9]Бабенко В.Ф., Корнейчук Н.П., Кофанов В.А., Пичугов С.А. Неравенства для производных и их приложения – Киев: Наукова думка, 2003, 590 с.

[10]Арестов В.В. Приближение неограниченных операторов ограниченными и родственные экстремальные задачи // Успехи мат. наук. – 1996. – Т. 51, – № 6. – С. 89–124.

[11]Акопян Р.Р., Саидусайнов М.С. Три экстремальные задачи в пространствах Харди и Бергмана аналитических функций в круге // ИМ и М УрО РАН. – 2017. – Т.23, № 3. – С. 22–32.

М.Б.Вакарчук[12], М.Ш.Шабозов ва М.С.Саидусайнов[13], М.С.Саидусайнов[14] ба даст омадаанд. Дар мавриди функсияҳои якчандтағирёбанда, натиҷаҳои охирнок камтар ба даст оварда шуданд[12,15].

Дар ин боб мо нобаробарии Колмогоровро барои наздиккунии беҳтарини функсияҳои дутағйирёбандаи комплексии $f$, ки дар бидавра аналитикӣ мебошанд, аз рӯи квазиполиномҳо (ё „кунҷҳо"), исбот карда шудааст ва татбиқи онро ба масъалаи экстремалии дарёфти сарҳади саҳеҳи болоии наздиккунии беҳтарини худи функсия ва ҳосилаҳои пайдарпайи он тавассути квазиполиномҳо нишон дода шудаанд.

Бигузор $\mathbf{z} := (\xi, \zeta) = (re^{it}, \rho e^{i\tau})$, ки дар ин ҷо $0 \leq r, \rho < \infty,\ 0 \leq t, \tau \leq 2\pi$ — нуқтаи дученакаи зерфазои комплексӣ $\mathbb{C}^2$ ва $U^2 := \{\mathbf{z} \in \mathbb{C}^2 : |\xi| < 1, |\zeta| < 1\}$ — бидавраи воҳидӣ дар $\mathbb{C}^2$ мебошад. Синфи ҳамаи функсияҳои аналитикии $f(z) := f(\xi, \zeta)$ дар бидавра $U^2$ ба воситаи $\mathcal{A}(U^2)$ ишора карда мешавад. Барои функсияи ихтиёрии $f \in \mathcal{A}(U^2)$ фарз мекунем, ки

$$M_2(f; r, \rho) := \left\{ \frac{1}{4\pi^2} \int_0^{2\pi} \int_0^{2\pi} \left| f(re^{it}, \rho e^{i\tau}) \right|^2 dt d\tau \right\}^{1/2},$$

бошад, ки дар ин ҷо $0 \leq r, \rho < 1$ аст. Бо ишораи $B_2(U^2)$ фазои Бергманро ифода мекунем, ки аз функсияҳои $f \in \mathcal{A}(U^2)$ иборат буда, дорои нормаи охирнок аст:

$$\|f\|_2 := \|f\|_{B_2(U^2)} = \left\{ \int_0^1 \int_0^1 r\rho M_2^2(f; r, \rho) dr d\rho \right\}^{1/2}. \tag{18}$$

Барои функсияи ихтиёрии $f \in \mathcal{A}(U^2)$, ки ба зерфазои $B_2(U^2)$ тааллуқ дорад, дар асоси паҳнкунӣ ба қатори дукаратаи Тейлор ба $U^2$ чунин навишта

[12]Вакарчук С.Б., Вакарчук М.Б. Неравенства типа Колмогорова для аналитических функций одной и двух переменных и их приложения к теории аппроксимации // Укр. матем. журн. – 2011. – Т.63. – № 22. – С. 1579–1601.

[13]Шабозов М.Ш., Саидусайнов М.С. Неравенство типа Колмогорова в весовом пространстве Бергмана // ДАН Республики Таджикистан. – 2007. – Т.50, – № 1. – С. 14–19.

[14]Саидусайнов М.С. Точные неравенства типа Колмогорова для функций, принадлежащих весовому пространству Бергмана. – Труды Международной летней математической Школы-Конференции С.Б.Стечкина по теории функций. Таджикистан, Душанбе, 15-25 августа, 2016. – С. 217–223.

[15]Вакарчук С.Б., Вакарчук М.Б. О неравенствах типа Колмогорова для аналитических в единичном бикруге функций // Вiснiк Днiпропетровского унiверситету. Серия: Математика. – 2013. – Т.18. – №6/1. – С. 61–66.

мешавад

$$f(\xi,\zeta)=\sum_{p=0}^{\infty}\sum_{q=0}^{\infty}c_{pq}(f)\xi^p\zeta^q, \tag{19}$$

ки дар ин ҷо $c_{pq}(f)$ – коэффисиентҳои Тейлори функсияи $f$ буда, аз рӯи формулаи (18) ва баробарии Парсевал муносибати зеринро менависем

$$\|f\|_2=\left\{\sum_{p=0}^{\infty}\sum_{q=0}^{\infty}\frac{|c_{pq}(f)|^2}{4(p+1)(q+1)}\right\}^{1/2}.$$

Ба воситаи $B_2^{(k,l)}(U^2)$, ки дар ин ҷо $k,l\in\mathbb{N}$ мебошад, синфи функсияҳои $f(\xi,\zeta)\in\mathcal{A}(U^2)$-ро бо ҳосилаҳои омехтаи $f^{(k,l)}$ нисбат ба тағйирёбандаи $\xi,\zeta$ ва ҳосилаҳои махсуси $f^{(k,0)}$ и $f^{(0,l)}$ муттаносибан нисбат ба $\xi$ ва $\zeta$ ба фазои $B_2(U^2)$ тааллуқ дорад, ишора мекунем, яъне $B_2^{(k,l)}(U^2)\subset B_2(U^2)$. Барои ададҳои натуралии $p\geq k,\ q\geq l$, ададҳои $\alpha_{p,k}$ ва $\alpha_{q,l}$-ро бо баробариҳои зерин

$$\alpha_{p,k}=p(p-1)\cdots(p-k+1),\quad \alpha_{q,l}=q(q-1)\cdots(q-l+1)$$

муайян мекунем.

Дар мақолаи С.Б.Вакарчук ва М.Б.Вакарчук[15] оиди баъзе ҳолатҳои маҳдудияти муққарарӣ дошта нисбат ба коэффисиентҳои Тейлори $c_{p,q}(f)$ ичрошаванда барои функсияи $f\in B_2^{(k,l)}(U^2)$ намуди зерини нобаробарии аниқи Колмогоровӣ исбот карда шудааст:

$$\left\|f^{(k-\mu,l-\nu)}\right\|_2\leq\frac{\alpha_{k,k-\mu}(k+1)^{\mu/(2k)}}{\alpha_{k,k}^{1-\mu/k}(\mu+1)^{1/2}}\cdot\frac{\alpha_{l,l-\nu}(l+1)^{\nu/(2l)}}{\alpha_{l,l}^{1-\nu/l}(\nu+1)^{1/2}}\cdot$$

$$\cdot\|f\|_2^{\mu\nu/(kl)}\cdot\left\|f^{(k,0)}\right\|_2^{(1-\mu/k)\nu/l}\cdot\left\|f^{(0,l)}\right\|_2^{(1-\nu/l)\mu/k}\cdot\left\|f^{(k,l)}\right\|_2^{(1-\mu/k)(1-\nu/l)},$$

чунин функсияи $f_0\in B_2^{(k,l)}(U^2)$ мавҷуд аст, ки барояш ин нобаробарӣ ба баробарӣ мубаддал мегардад.

Мақсади мо исбот кардани як намуди нобаробарӣ ба монанди нобаробарии Колмогоров барои наздиккунии беҳтарини муштарак ба воситаи „кунҷ” мебошад.

Бигузор $(\mathbb{Z}_1,\|\cdot\|_{\mathbb{Z}_1})$ ва $(\mathbb{Z}_2,\|\cdot\|_{\mathbb{Z}_2})$ — ду фазои нормиронидашудаи хаттии аналитикӣ дар давраи воҳидии функсияи як тағйирёбандаи комлексӣ бошанд, ва $\mathfrak{M}_m \subset \mathbb{Z}_1$ ва $\mathfrak{N}_n \subset \mathbb{Z}_2$ – муттаносибан ченаки ниҳоии зерфазо бо базиси $\{a_p(\xi)\}_{p=0}^m$ ва $\{b_q(\zeta)\}_{q=0}^n$ бошанд. Фарз мекунем, ки

$$\widehat{G}_{m,n} := G(\mathfrak{M}_m, \mathfrak{N}_n) := \mathbb{Z}_2 \otimes \mathfrak{M}_m \oplus \mathbb{Z}_1 \otimes \mathfrak{N}_n \tag{20}$$

бошад, ки дар ин ҷо $\otimes$ ва $\oplus$ муттаносибан амалҳои ҳосили тензор ва суммаи ростаи маҷмӯҳоро ифода мекунанд. Маълум аст, ки ҳар як элементи маҷмӯҳои (20)-ро дар чунин шакл пешниҳод кардан мумкин аст

$$g_{m,n}(\xi, \zeta) := \sum_{p=0}^{m} \varphi_p(\zeta) a_p(\xi) + \sum_{q=0}^{n} \psi_q(\xi) b_q(\zeta), \tag{21}$$

ки дар ин ҷо пайдарпайии функсияҳои $\{\varphi_p(\zeta)\}_{p=0}^m \subset \mathbb{Z}_2$ ва $\{\psi_l(\xi)\}_{l=0}^n \subset \mathbb{Z}_1$ — маҷмӯҳои ихтиёрии функсияҳо аз фазои нишондодашуда мебошанд. Функсияи намуди (21) квазиполиноми умумикардашуда ё ин ки „кунҷ” номида мешавад. Бигузор акнун $\mathbb{Z} := \mathbb{Z}_1 \times \mathbb{Z}_2$ — фазои нормиронидашудаи хаттии аналитикӣ дар бидавраи воҳидии $U^2 := \{(\xi, \zeta) : |\xi| < 1, |\zeta| < 1\}$ функсияи $f(\mathbf{z}) := f(\xi, \zeta)$ ду тағйирёбандаи комплексӣ $\widehat{G}_{m,n} \subset \mathbb{Z}$ бошад. Барои функсияи ихтиёрии $f \in \mathbb{Z}$ баробарии

$$\mathscr{E}_{m,n}(f)_{\mathbb{Z}} := \mathscr{E}\left(f, \widehat{G}_{m,n}\right)_{\mathbb{Z}} = \inf\left\{\|f - g_{m,n}\| : g_{m,n} \in \widehat{G}_{m,n}\right\} \tag{22}$$

бузургии наздиккунии беҳтарини функсияи $f$ маҷмӯи элементҳои формулаи (20) ё ин ки наздиккунии беҳтарини функсияи $f$-ро бо „кунҷ” муайян мекунем. Мо ҳолатҳои $\mathbb{Z} := B_2(U^2)$, $\mathbb{Z}_1 = \mathbb{Z}_2 = B_2(U), \mathfrak{M}_m := \mathcal{P}_m, \mathfrak{N}_n := \mathcal{P}_n$-ро дида мебароем, ки дар ин ҷо $\mathcal{P}_m$ ва $\mathcal{P}_n$ — муттаносибан маҷмӯи полиномҳои алгебравии комлексии яктағйирёбандаи дараҷаашон $m$ ва $n$ бошанд.

Дар ин ҳолат

$$\widehat{G}_{m,n} := \left\{g_{m,n}(\xi, \zeta) : g_{m,n}(\xi, \zeta) = \sum_{p=0}^{m} \varphi_p(\zeta)\xi^p + \sum_{q=0}^{n} \psi_q(\xi)\zeta^p : \ \varphi_p, \psi_q \in B_2\right\}. \tag{23}$$

Маҷмӯи (23) зерфазои квазиполиномҳо номида мешавад. Барои функсияи аналитикии $f \in \mathcal{A}(U^2)$ бо паҳнкуни ба қатори Тейлор (19) ифодаи зеринро квазиполиноми Тейлори тартиби $(m, n), m, n \in \mathbb{N}$ меноманд

$$T_{m,n}(f; \xi, \zeta) := \sum_{p=0}^{\infty} \sum_{q=0}^{n} c_{pq}(f)\xi^p\zeta^q + \sum_{p=0}^{m} \sum_{q=0}^{\infty} c_{pq}(f)\xi^p\zeta^q - \sum_{p=0}^{m} \sum_{q=0}^{n} c_{pq}(f)\xi^p\zeta^q. \tag{24}$$

Аён аст, ки $T_{m,n}(f) \in G(\mathcal{P}_m, \mathcal{P}_n)$.

Леммаи зерин натиҷаи асосии параграфи дуюм мебошад.

**Леммаи 2.2.1.** *Дар байни ҳамаи полиномҳои умумикардашудаи намуди зерини*

$$g_{m-1,n-1}(\xi,\zeta) = \sum_{p=0}^{m-1} \varphi_p(\zeta)\xi^p + \sum_{q=0}^{n-1} \psi_q(\xi)\zeta^q,$$

*ба маҷмӯи $\widehat{G}_{m-1,n-1}$ тааллуқ дошта, наздиккунии беҳтарини функсияи $f \in B_2(U^2)$ квазиполиноми Тейлори $T_{m-1,n-1}(f)$-и тартиби $(m-1, n-1)$-ум медиҳад. Дар ин ҳолат*

$$\mathscr{E}^2_{m-1,n-1}(f)_2 = \|f - T_{m-1,n-1}(f)\|_2^2 = \sum_{p=m}^{\infty}\sum_{q=n}^{\infty} \frac{|c_{pq}(f)|^2}{4(p+1)(q+1)}.$$

Бо истифода аз леммаи асосии 2.2.1, дар параграфи сеюм теоремаи асосиро исбот мекунем.

**Теоремаи 2.3.1.** *Бигузор $m > k \geq \mu \geq 1, n > l \geq \nu \geq 1,\ m,n,l,\mu,\nu \in \mathbb{N}$ бошад. Онгоҳ барои ҳаргуна функцияи $f \in B_2^{(k,l)}(U^2)$ нобаробарии зерин иҷро мешавад*

$$\mathscr{E}_{m-k+\mu-1,n-l+\nu-1}\left(f^{(k-\mu,l-\nu)}\right)_2 \leq$$

$$\leq \frac{\alpha_{m,k-\mu}\cdot\alpha_{n,l-\nu}(m-k+1)^{(k-\mu)/(2k)}(n-l+1)^{(l-\nu)/(2l)}(m+1)^{\mu/(2k)}\cdot(n+1)^{\nu/(2l)}}{(\alpha_{m,k})^{1-\mu/m}\cdot(\alpha_{n,l})^{1-\nu/l}\left[(m-k+\mu+1)(n-l+\nu+1)\right]^{1/2}}\cdot$$

$$\cdot\left(\mathscr{E}_{m-1,n-1}(f)_2\right)^{\frac{\mu\nu}{kl}}\cdot\left(\mathscr{E}_{m-k-1,n-l}\left(f^{(k,0)}\right)_2\right)^{(1-\frac{\mu}{k})\frac{\nu}{l}}\cdot$$

$$\cdot\left(\mathscr{E}_{m-1,n-l-1}\left(f^{(0,l)}\right)_2\right)^{\frac{\mu}{k}(1-\frac{\nu}{l})}\cdot\left(\mathscr{E}_{m-k-1,n-l-1}\left(f^{(k,l)}\right)_2\right)^{(1-\frac{\mu}{k})(1-\frac{\nu}{l})}, \qquad (25)$$

*ки барои функсияи $f_0(\xi,\zeta) = \xi^m\zeta^n \in B_2^{(k,l)}(U^2)$ ба баробарӣ мубаддал мешавад.*

Баъзе иловаҳои теоремаи 2.3.1-ро пешниҳод менамоем. Бигузор $W_2^{(k,l)}(k,l \in \mathbb{N})$ — синфи функсияи $f \in B_2^{(k,l)}(U^2)$ бошад, ки барояшон $\left\|f^{(k,l)}\right\|_2 \leq 1$ мебошад.

**Леммаи 2.3.3.** *Бигузор ададҳои* $m, n, k, l \in \mathbb{N}$ *нобаробариҳои шарти* $m \geq k \geq 1, n \geq l \geq 1$*-ро қаноат кунонанд. Онгоҳ баробариҳои зерин дурустанд*

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-1,n-1}(f)_2 : f \in W_2^{(k,l)}\right\} = \frac{1}{\alpha_{m,k}\alpha_{n,l}} \cdot \sqrt{\frac{(m-k+1)(n-l+1)}{(m+1)(n+1)}},$$

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-k-1,n-1}\left(f^{(k,0)}\right)_2 : f \in W_2^{(k,l)}\right\} = \frac{1}{\alpha_{n,l}} \cdot \sqrt{\frac{n-l+1}{n+1}},$$

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-1,n-l-1}\left(f^{(0,l)}\right)_2 : f \in W_2^{(k,l)}\right\} = \frac{1}{\alpha_{m,k}} \cdot \sqrt{\frac{m-k+1}{m+1}}.$$

Тасдиқоти леммаи 2.3.3 дар якҷоягӣ бо натиҷаи теоремаи 2.3.1 ба мо имконияти ҳал намудани масъалаи экастремалии зеринро медиҳад: ёфтани бузургии зерин

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-k+\mu-1,n-l+\nu-1}\left(f^{(k-\mu,l-\nu)}\right)_2 : f \in W_2^{(k,l)}\right\}$$

талаб карда мешавад, ки дар ин ҷо $m > k \geq \mu \geq 1, n > l \geq \nu \geq 1$.

**Теоремаи 2.3.2.** *Бигузор* $m, n, k, l, \mu, \nu \in \mathbb{N}$ *маҳдудиятҳои* $m > k \geq \mu \geq 1$, $n > l \geq \nu \geq 1$*-ро қонеъ гардонад. Онгоҳ баробарии зерин дуруст аст.*

$$\sup\left\{\mathscr{E}_{m-k+\mu-1,n-l+\nu-1}\left(f^{(k-\mu,l-\nu)}\right)_2 : f \in W_2^{(k,l)}\right\} =$$

$$= \frac{\alpha_{m,k-\mu}}{\alpha_{m,k}} \cdot \frac{\alpha_{n,l-\nu}}{\alpha_{n,l}} \cdot \sqrt{\frac{(m-k+1)(n-l+1)}{(m-k+\mu+1)(n-l+\nu+1)}}.$$

# Хулоса

## Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ инҳоянд:

- масъалаи ёфтани доимии аниқи нобаробарии Ҷексон-Стечкин байни қимати наздиккунии беҳтарини функсияҳои дутағйирёбанда, тавассути полиномҳои умумикардашудаи тригонометрӣ ва модулҳои бефосилагии тартибӣ олии ҳосилаҳои махсуси функсияҳо ҳал карда шудаанд;
- нобаробарии нави аниқ, ки наздиккунии беҳтарини полиномҳои умумикардашудаи функсияҳои дутағйирёбанда бо модули миёнакардашудаи бефосилагии тартиби олии ҳосилаҳои хусусӣ бо функсияҳои вазндори $L_2(Q)$-ро пайваст мекунанд, ёфта шудаанд. Квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳо ҳисоб карда шудаанд;
- нобаробарии аниқи намуди Колмогоров барои функсияҳои аналитикӣ дар бидавра ёфта шудаанд ва татбиқи он ба масъалаҳои экстремалии фазои Бергман ва инчунин ба масъалаҳои наздикшавии муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои он тавассути полиномҳои умумикардашуда дода шудаанд;

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Натиҷаҳои кори рисоларо дар масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои бисёрченака, тавассути суперпозитсияҳои функсияҳои миқдори камтари тағйирёбандаҳо, хам дар сохаҳои ҳақиқӣ ва ҳам дар соҳаҳои комплексӣ татбиқ кардан мумкин аст.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия нашр шудаанд:**


[1-М] Сайнаков В.Д. Значение квазипоперечников некоторых классов периодических функций двух переменных в $L_2$ [Текст] / М.О.Акобиршоев, В.Д.Сайнаков // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2018. – №2(171). – С. 7-16.

[2-М] Сайнаков В.Д. О неравенствах типа Колмогорова в пространстве Бергмана для функций двух переменных [Текст] / М.Ш.Шабозов, В.Д.Сайнаков // Труды Института математики и механики УрО РАН. – 2018. – Т.24. – № 4. – С. 270-282.

[3-М] Сайнаков В.Д. Неравенства типа Колмогорова в пространстве Бергмана для функций двух переменных [Текст] / М.Ш.Шабозов, В.Д.Сайнаков // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – Т.61. – № 7-8. – С. 615-619.

[4-М] Сайнаков В.Д. Среднеквадратическое приближение функций двух переменных обобщенными тригонометрическими полиномами [Текст] / В.Д.Сайнаков // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2018. – № 4(173). – С. 37-43.

[5-М] Сайнаков В.Д. О наилучшем приближении в среднем обобщенными полиномами функций двух переменных [Текст] В.Д.Сайнаков // Доклады Академии Наук Республики Таджикистан. – 2020. – Т. 63, №5–6. – С. 300-308.


**Дар дигар нашрияҳо:**


[6-М] Сайнаков В.Д. Квазипоперечники некоторых функциональных классов функций двух переменных в $L_2$ [Текст] / М.О.Акобиршоев, В.Д.Сайнаков

// Материалы международной научной конференции „*Современные проблемы математики и ее приложений*", посвященной 70-летию со дня рождения академика АН РТ Илолова М. (Душанбе, 14-15 марта 2018 г.). – С. 46-49.

[7-М] Сайнаков В.Д. Неравенство типа Колмогорова для периодических дифференцируемых функций двух переменных [Текст] / В.Д.Сайнаков // Материалы научно-теоретической конференции „*Современные проблемы алгебры и теории чисел*", посвященной 90-летию со дня рождения профессора Бабаева Г.А. (Душанбе, 14-15 декабря 2018 г.). – С. 93-94.

[8-М] Сайнаков В.Д. О наилучшем приближении некоторых классов периодических функций двух переменных в $L_2$ [Текст] / М.О.Акобиршоев, Сайнаков В.Д. // Материалы международной научной конференции „*Сингулярные интегральные уравнения и дифференциальные уравнения с сингулярными коэффициентами*", посвященной 70-летию профессора Джанигибекова Г. (Душанбе, 30-31 января 2020 г.). – С. 54-58.

[9-М] Сайнаков В.Д. Приближении в среднем обобщёнными полиномами функций двух переменных [Текст] / В.Д.Сайнаков // Материалы республиканской научно-практической конференции „*Современные проблемы теории дифференциальных уравнений*", посвященной 80-летию профессора М.Исмати и 20-летию развития естественных, точных и математических наук. (Душанбе, 26 сентября 2020 г.). – С. 252-258.

[10-М] Сайнаков В.Д. Наилучшее приближение „углом" в пространстве $L_{2,\mu}(\mathbb{R}^2)$ с весом Чебышева-Эрмита [Текст] / М.О.Акобиршоев, В.Д.Сайнаков // Міжнародна наукова конференція „*Теорія наближень і її застосування*", присевяшена 100-річчю з дня народження М.П.Карнейчука (Дніпро, Украіна, 16-19 вересня 2020 г.). С. 32.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Сайнаков Восиф Додхудоевич дар мавзӯи «Баъзе масъалаҳои экстремалии наздиккунии функсияҳои дутағйирёбанда ба воситаи полиномҳои умумикардашуда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.01.01 — таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ**

**Вожаҳои калидӣ:** *наздиккунии функсияҳои дутағйирёбанда, сарҳади болоӣ, бисёраъзогии умумикардашуда, квазиқутр, модули бефосилагӣ, нобаробарии намуди Колмогоров.*

**Мақсади кор.** Мақсади тадқиқот аз ҳали масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии функсияҳои дутағйирёбанда ба воситаи бисёраъзогиҳои умумикардашуда дар соҳаҳои ҳақиқӣ ва комплексӣ иборат аст.

**Усулҳои тадқиқот.** Дар кори пешниҳодшуда усулҳои муосири назарияи наздиккунӣ, бахусус усули Н.П. Корнейчуки баҳодиҳии наздиккунии беҳтарини синфи функсияҳо аз боло ба воситаи зерфазои бисёраъзогиҳои ченакашон фиксиронидашуда ва усули В.М. Тихомирови баҳодиҳӣ аз поёни қутрҳо дар фазоҳои гуногуни нормирондашуда, истифода бурда шудааст.

**Навигариҳои илмӣ.** Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия овардашуда нав мебошанд. Натиҷаҳои асосии зерин ҳосил карда шудаанд:

- масъалаи ёфтани доимиҳои аниқ дар нобаробарии Ҷексон-Стечкин байни бузургии наздиккунии беҳтарини фуксияҳои дутаъгирёбанда тавассути полиномҳои умумикардашудаи тригонометрӣ ва модули бефосилагии ҳосилаи хусусии тартиби олии функсияҳо ҳал шудааст;
- нобаробариҳои нави аниқ, ки наздиккунии беҳтарини полиномҳои умумикардашудаи функсияҳои дутағйирёбандаро бо модули бефосилагии миёнакардашудаи ҳосилаи хусуси тартиби олӣ бо функсияи вазнӣ дар $L_2(Q)$ пайваст мекунад, ёфта шудаанд. Инчунини дигар квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳо ҳисоб карда шудаанд;
- нобаробарии аниқи намуди Колмогоров барои функсияҳои аналитикӣ дар бидавра ёфта шудааст ва татбиқи он ба масъалаҳои экстремалии наздиккунии муштараки функсияҳо ва ҳосилаҳои полиномҳои умумикардашудаи онҳо пешниҳод гардидааст.

**Арзишҳои назариявӣ ва амалӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дорои арзишҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои кори диссертатсиониро барои ҳолати функсияҳои дутағйирёбандаи комплексӣ, ки дар бидавра аналитикӣ мебошанд ва ёфтани қимати аниқи квазиқутрҳои колмогоровӣ ва хаттии баъзе синфи функсияҳои дутағйирёбанда аз рӯи нормаи ҳосилаи омехтаи маҳдуди комплексӣ дар фазои вазндори Бергман истифода бурдан мумкин аст.

# АННОТАЦИЯ
## диссертации Сайнакова Восифа Додхудоевича на тему «Некоторые экстремальные задачи приближения функций двух переменных обобщенными полиномами», представленной на соискание учёной степени кандидата физико-математических наук по специальности 01.01.01 — вещественный, комплексный и функциональный анализ

**Ключевые слова:** *приближения функций двух переменных, верхняя грань, обобщённый полином, квазипоперечник, модуль непрерывности, неравенства типа Колмогорова.*

**Цель работы.** Целью исследования является решение экстремальных задач теории приближении функций двух переменных обобщенными полиномами как в действительной, так и в комплексной областях.

**Методы исследования.** В работе используются современные методы теории аппроксимации, а именно метод Н.П.Корнейчука оценка сверху наилучших приближений классов функций подпространством полиномов фиксированной размерности и разработанная В.М.Тихомировым оценка снизу поперечников множеств в различных нормированных пространствах.

**Научная новизна.** Все полученные в диссертационной работе результаты являются новыми. Получены следующие основные результаты:

- решена задача о нахождении точной константы в неравенстве Джексона-Стечкина между величиной наилучшего приближения функций двух переменных обобщенными тригонометрическими полиномами и модулями непрерывности высших порядков частных производных функций;
- найдены новые точные неравенства, связывающие наилучшие приближения обобщенными полиномами функций двух переменных с усредненными модулями непрерывности высших порядков частных производных с весовыми функциями в $L_2(Q)$. Вычислены колмогоровские и линейные квазипоперечники некоторых классов функций;
- найдено точное неравенство типа Колмогорова для аналитических в бикруге функций и дано его приложение к экстремальным задачам совместного приближения функций и их производных обобщенными полиномами.

**Теоретическая и практическая ценность.** Работа носит как теоретический, так и практический характер. Результаты диссертационной работы можно использовать в случае функций двух комплексных переменных аналитических в бикруге и отыскании точных значений колмогоровских и линейных квазипоперечников некоторых классов функций комплексных переменных с ограниченными по норме смешанных производных в весовом пространстве Бергмана.

## SUMMARY

**of the dissertation Sainakov Vosif Dodkhudoevich on the topic «Some extremal problems of approximation of functions of two variables by generalized polynomials» submitted for the degree of candidate of physical and mathematical sciences in the specialty 01.01.01 — real, complex and functional analysis**

**Key words:** *approximation of functions of two variables, upper bound, generalized polynomial, quasi-diameter, modulus of continuity, Kolmogorov-type inequalities.*

**Work objectives.** The aim of the study is to solve extremal problems of the theory of approximation of functions of two variables by generalized polynomials in both real and complex domains.

**Research methods.** The paper uses modern methods of approximation theory, namely, N.P.Korneichuk's method, an upper bound for the best approximations of classes of functions by a subspace of polynomials of fixed dimension and a lower bound for the widths of sets in various normed spaces developed by V.M.Tikhomirov.

**Scientific novelty.** All the results obtained in the thesis are new. The following main results were obtained:

- solved the problem of finding the exact constant in the Jackson-Stechkin inequality between the value of the best approximation of functions of two variables by generalized trigonometric polynomials and moduli of continuity of higher orders of partial derivatives of functions;
- new sharp inequalities are found connecting the best approximations by generalized polynomials of functions of two variables with averaged moduli of continuity of higher orders of partial derivatives with weight functions in $L_2(Q)$. Kolmogorov and linear quasi-diameters of some classes of functions are calculated;
- an exact Kolmogorov-type inequality is found for functions analytic in the bidisk and its application to extremal problems of the joint approximation of functions and their derivatives by generalized polynomials is given.

**Theoretical and practical value.** The work is both theoretical and practical. The results of the thesis can be used in the case of functions of two complex variables that are analytic in a bicircle and in finding the exact values of Kolmogorov and linear quasi-diameters of some classes of functions of complex variables with norm-bounded mixed derivatives in a weighted Bergman space.